# ТАҚРИЗ

**ба авторефферати диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Автореферати диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ - «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Мавзуи мазкур дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва рақамикунонӣ ҳамчун ҷузъи калидии сохтори молиявии мамлакат дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои молумулкии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, коҳиш додани хавфҳои иқтисодӣ ва таъмини пойдории иқтисодиёти миллӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

**Мубрамияти мавзӯъ** аз робитаи мустақими он бо рушди иқтисоди миллӣ, ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон, устувории молиявӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ бармеояд. Таҳқиқи ҳуқуқии ин бозори суғурта аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ метавонад ба такмили қонунгузорӣ (аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»), баланд бардоштани самаранокии назорат ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта мусоидат намояд. Ин ҳама дар шароити кунунӣ, ки кишвар ба сӯйи иқтисоди рақамӣ ва устувор равона аст, аҳамияти муҳим дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушди иқтисоди бозорӣ қарор дошта, фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намуди мустақили фаъолияти иқтисодӣ эътироф мешавад. Ин фаъолият на танҳо ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, балки

кафолати устувории иқтисоди миллӣ, рушди бозори молиявӣ ва ҳимояи ичтимоии аҳолиро таъмин менамояд.

Дар автореферат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда кушода шудаанд, ки ба онҳо молу мулк, таваккали ҷавобгарии маданӣ, таваккали соҳибкорӣ, шахсӣ ва ҳатмӣ дохил мешаванд. Таснифот муаян сохт, ки дар бозори суғурта объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо молу мулки моддӣ, балки неъматҳои ғайримоддӣ ва натиҷаҳои иқтисодии фаъолият низ мебошанд. Ин ҳолат зарурати гузаронидани таҳқиқоти амиқи илмиро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар автореферат қайд мешавад, ки масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ то андозае омӯхта шудааст, аммо ҳанӯз ҳам дараҷаи таҳқиқи он нокифоя арзёбӣ мешавад. Ин холигии илмӣ зарурати таҳқиқоти мазкурро тақвият мебахшад. Муаллиф дуруст ба хулоса меояд, ки дар сатҳи назариявӣ ва қонунгузорӣ заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад, аммо дар амалия ва рушди бозор ҳанӯз фарқиятҳо вуҷуд доранд. Ин фарқиятҳо натиҷаи сатҳи иқтисодӣ, афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва омилҳои берунаи хос ба Тоҷикистон мебошанд.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар автореферат таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон бо назардошти шароити муосир ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад муаллиф вазифаҳои зеринро муайян намудааст:

– таҳлили консептуалии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун як намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ.

– муайян намудани аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ ва муайян кардани нақши онҳо дар гардиши гражданию ҳуқуқӣ.

– омӯзиши шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ва арзёбии самаранокии онҳо дар шароити имрӯза.

– таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта, инчунин омӯзиши мушкилоти ҳуқуқӣ дар ин самт бо мақсади истифодаи таҷрибаи мусбат.

– пешниҳоди механизмҳои ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта.

– пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунанда бо мақсади таъмини устуворӣ, рушд ва ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта.

Ин вазифаҳо ба таври мантиқӣ аз мақсади таҳқиқот бармеоянд ва барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда мусоидат менамоянд.

Ҳамчунин, дар таҳқиқот масъалаҳои ҳуқуқии набудани фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, ҷуброни фоидаи гумшуда (талафоти даромад аз қатъи фаъолият), паст будани шаффофияти иттилоотӣ ва дастрасии маҳдуди соҳибкорон ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ, набудани омбудсмени мустақил барои ҳалли суръатбахш ва ғайрисудии баҳсҳои суғуртавӣ, ақидаҳои мушаххас ҳамчун навгонӣ оид ба такмили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он метавонанд барон рушди илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи маданӣ, такмили мафҳумҳо ва институтҳои он истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар фаъолияти судҳо ва дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда истифода шаванд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмии таҳқиқот, дар автореферат якчанд андешаҳои баҳснок ба назар мерасад, аз ҷумла дар баъзе қисматҳо махсусан дар боби 2, зербоби 2 таҳқиқот таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт нисбатан умумӣ оварда шуда, мушкилоти мавҷуда дар минтақа ва ҷаҳон махдуд инъикос ёфтааст. Зеро густариши муқоисаи ҳуқуқии таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонад мазмуни илмии таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад. Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии рисола таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мукаммал ва саривақтии илмӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои муҳими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориро дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, як қатор пешниҳодҳои асосноки илмӣ ва амалӣ пешниҳод намояд.

Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда ба талаботи корҳои илмии сатҳи номзадӣ ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои он метавонанд барон рушди қонунгузории миллӣ ва такмили амалияи ҳуқуқӣ истифода шаванд. Таҳқиқоти анҷомдодаи Нуруллозода Алӣ Нурулло ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи А. Ғуломов 31, хонаи 6
E.mail: komron231823@gmail.com
Тел: корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.

«17» 06 соли 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.
Тел.: +992 (37) 223-06-10;
E.mail: dushanbe80@yahoo.com